**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич дар мавзуи «Нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон (солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик). – Душанбе, 2024.**

Мавзуи мавриди назар, ки докторант ба риштаи пажуҳиш кашидааст, басо актуалӣ ба ҳисоб рафта, саҳифаҳои ҷадид ба хазинаи таърих, махсусан, илму маориф ва мактаби олӣ зам хоҳад намуд. Ба ҳамин далел ва мақсад муаллиф талошу кушишҳои зиёде сомон дода, дар ин росто бо истифода аз манобеи муътамад, осори академик М. Эркаев, асару мақолаҳо ва хотироти дӯстону шогирдон ва хешу табори олим то андозае муваффақ гардидааст. Мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда дар муқаддима собит шудааст.

Бояд хотирнишон кард, ки то кунун доир ба нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон пажуҳиши муфассал ва мукаммул анҷом дода нашудааст. Бархе аз маводи рӯйи нашр омада, низ доир ба ҳаёту фаъолияи М. Эркаев хислати публисистӣ доранд.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф нахустин шуда, саҳми академик М. Эркаевро дар инкишофи илм ва мактаби олӣ таҳлилу баррасӣ намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ асоснок гардида, дараҷаи коркарди он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, доираи хронологӣ, услуб ва усулҳои коркарди мавуъ, мушаххас гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор, манбаъҳо ва навгонии илмии таҳқиқот, инчунин муқарраротѝ асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян гаштааст.

Боби якуми диссертатсия “Ҳаёт ва фаъолияти илмиву педагогӣ ва ташкилотчигии Мулло Эркаев” унвонгузорӣ шуда, дар он ҳаёти кӯдакиву наврасӣ, ҷавонӣ, оғози фаъолияти касбӣ ва ташаккули фаъолияти илмиву омӯзгорӣ дар мактаби олӣ, инъикоси мавқеи ин муаррихи шинохта дар илми таърихнигории халқи тоҷик ва дар баробари ин, истеъдоду қобилияти ташкилию ҷамъиятии олим баррасӣ шудааст.

Боби дуюми рисола “Мактаби илмиву педагогии академик Мулло Эркаев” номгузорӣ шуда, дар он роҳу услубҳои муваффақонаи академик М. Эркаев дар роҳи омода намудани мутахассисони касбӣ, махсусан соҳибунвон дар самти илмҳои таърих, ақидаҳои илмиву омӯзгорӣ, саҳми ин олим ва омӯзгори асил дар назария ва амалияи касби омӯзгорӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Муаллифи рисола зикр намудааст, ки академик М. Эркаев шахсияти шинохтаи илму маърифат маҳсуб ёфта, дорои мактаби махсуси илмӣ мебошанд. Аз ин мактаб зиёда аз 60 нафар номзаду доктори илмҳои таърих гузаштаанду садҳо олимону муҳаққиқони дигар тавсияву роҳнамоиҳои илмии муфидро бардошт намудаанд, ки имрӯз аз маҳсул ва заҳмати онҳо давлату ҷомеа, хосатан, илму маориф ва мактаби олӣ бардоштҳои зиёдеро аз худ намуда истодааст.

Дар хулоса фикри ҷамъбастӣ, пешниҳоду тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия оварда шудааст.

Аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки маводи дар он мавҷудбуда минбаъд дар навиштани асарҳои махсуси бунёдӣ оид ба таърих ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик, махсусан таърихи мактаби олӣ, маводу барномаҳои таълимӣ-методӣ истифода шуда метавонад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич дар мавзӯи «Нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон (солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX)» ба талаботи низомномаи КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ" ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) арзанда мебошанд.

**Номзади илмҳои таърих,**
**муаллими калони кафедраи таърих**
**ва диншиносии Донишгоҳи давлатии**
**ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ҳамидова М.М.**

3.04.24с.

**Имзои н.и.т., муаллими калони кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ҳамидова М.М. – ро тасдиқ мекунам.**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Мирпоччоев И.Ҳ.**

Суроға: 735700, Хуҷанд. 17 мкр-н, б.1.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: +992342223811
Факс: +992342225170
E-mail: tsulp@rambler.ru .